УДК: 657:1

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Мирзоев С.А., Сангов А.Ш.**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур**

**Калимаҳои асосӣ:** *баҳисобгирии идоракунӣ, соҳаи кишоварзӣ, марказҳои масъулият, низоми баҳисобгирии идоракунӣ.*

Дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ бозори корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагиҳо низоми баҳисобгирӣ чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ муҳим буда дар шароити диверсификатсияи иқтисодӣ боз муҳим мегардад. Вай имконият медиҳад, ки ба ҳамаи саволҳои пайдо шуда ҷавоб гирифта шавад; идоракунии таъҷилии корхона оид ба баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ такмил дода шавад. Воситаи муҳими ҳалли масъалаҳои ба миён омада низоми баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Барои корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии идоракунӣ, пеш аз ҳама, низоми ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи фаъолияти ҷории ташкилот мебошад, ки натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии онро пурра инъикос менамояд. Он ба дархостҳои корбарони дохилӣ ва хориҷӣ нигаронида шудааст. Илова бар ин, ҳадафи ин низоми идоракунии хароҷот дар сатҳи марказҳои масъулият ва аз рӯйи намуди фаъолият мебошад. Дар аксарияти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоби хоҷагӣ амалан ба роҳ монда нашудааст ва ё ҷиҳати ҷудогонаи он бошад ҳоло суст инкишоф ёфтааст.

Сабаби ин дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ мавҷуд набудани дархостҳои умумии ташкили он мебошад. Азбаски корхонаҳои агросаноатии ватанӣ дар шароити рақобат барои маҳсулоти хушсифату арзон ва мубориза барои зиндагӣ вуҷуд доштан фаъолият мекунанд, зарурияти ташкил намудани низоми самараноки баҳисобгирии идоракуниро дар асоси принсипҳои умумии банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, баҳодиҳӣ, ҳисобкунӣ, таҳлил ва баҳисобгирии муҳосибӣ эҳсос мекунанд ва назорат дар идоракунии истеҳсолот мебошад.

Муаммоҳое, ки бо ҷорӣ намудани ҳисоби хоҷагӣ дар амалияи ватанӣ алоққаманд аст, актуалӣ ва муҳим аст. Ба ин муносибат зарур аст, ки моҳият ва мазмуни ҳисоби хочагидорӣ, махсусан асосҳои назариявии он таҳқиқоти чуқури иқтисодӣ гузаронда шавад. Ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ бо як қатор сабабҳо душвор аст, аз ҷумла тайёрии нокифоя ва дарк накардани роҳбарон дар бораи роли баҳисобгирии идоракунӣ дар фаъолияти ташкилот, нарасидани захираҳои умумии меҳнатӣ ва кадрҳои махсусан ихтисоснок. Ҷорӣ намудани низоми баҳисобгирии идоракунӣ тавсифи пурраи намудҳои дороиҳо ва ухдадориҳои корхонаро бо роҳи ташкили нақшаи идоракунии ҳисобҳо ва маълумотномаҳои таҳлилӣ дар бар мегирад. Тартиби баҳисобгирии муҳосибӣ бо сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда мешавад. Мувофиқи ин тартиби баҳисобгирии даромаду хароҷот, қоидаҳои ба ҳисоб гирифтан ва тақсим кардани хароҷот муайян карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки як қатор хатогиҳое, ки барои ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ хосанд, маълумотҳои ҳисоби хоҷагиро тахриф мекунанд, яъне нопурра ва норавшан муайян накардани нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии самара ва мониторинги фаъолияти молиявию хоҷагии ҳар як маркази баҳисобгирии идора, суст омӯхтани нақшаҳо ва механизмҳои қабули буҷетҳои давраи оянда, методологияи таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо муайян карда нашудааст.

Низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба шумо имкон медиҳад, ки стратегияи рушди тиҷоратро муайян кунед, самаранокии онро таҳлил кунед, қарорҳои муассир ва зарурии тактикӣ ва стратегии идоракуниро қабул кунед. Барои татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона вариантҳои зерин мавҷуданд:

***а) Низоми инкишофи баҳисобгирии идоракунӣ.*** Баҳисобгирии идоравӣ нисбат ба молиявӣ ва вазифаҳо бо истифода аз се синфи ҳисобҳо, ки дар баробари ҳисобҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешаванд ва бо истифода аз ҳисобҳои тақсимот алоқаманданд, мустақил мегардад. Бо ин вариант баҳисобгирии хароҷот дар заминаи унсурҳо дар шуъбаи баҳисобгирии молиявӣ ва дар заминаи моддаҳои ҳисобдорӣ дар идоракунӣ амалӣ карда мешавад.

***б) Низоми ягона.*** Баҳисобгирии идоравӣ аз баҳисобгирии молиявӣ ҷудо карда мешавад, ки барои онҳо ҳисобҳои оинаи махсуси инъикоскунанда гузаронида мешаванд. Барои баҳисобгирии хароҷот ва фоида ҳисобҳои синтетикӣ ва субсчетҳои тартиби якум, инчунин ҳисобҳои аналитикӣ истифода мешаванд.

Варианти аз ҳама қобили қабули баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ варианти истифодаи низоми ягона мебошад, зеро он дар ҳисобдорӣ зиёд истифода мешавад.

Модели ҷорӣ намудани ҳисоби хочагӣ дар ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ дар расми 1 нишон дода шудааст.




**Расми 1. Намунаи низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.**

Яке аз вариантҳои ҳалли масъала оид ба идоракунии корхонаҳои КАС, ин пурра наздиккунии идоракунӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ бо амалия мебошад. Моҳияти он аз ташкили пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ ва қоидаҳои ворид ва коркарди иттилоот иборат аст. Менеҷмент ва ҳисобдорӣ аксар вақт як маълумотро истифода мебаранд, аммо онҳо бо тафсирҳои гуногун мебошад. Аммо дар баробари ин баҳисобгирии идоракунӣ алтернативаи баҳисобгирӣ нест ва онро иваз карда наметавонад.

Барои муайян кардани қоидаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ҳуҷҷатҳои махсуси меъёрӣ, инчунин расмиёти стандартии баҳисобгирӣ таҳия карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрие, ки барои баҳисобгирии идоравӣ истифода мешаванд, инҳоянд: нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии идоравӣ; стандартҳои баҳисобгирии идоракунии кооперативӣ; низоми рамзҳое, ки барои рамзгузории ҷузъҳои буҷет, хароҷот, марказҳои масъулият истифода мешаванд.

Дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бояд марказҳои масъулиятшиносӣ амал кунанд, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ва вазифаҳои иҷрошаванда вобаста ба хизмати корхонае, ки барои истифодабарии захираҳои муайян масъуланд, фарқ мекунанд.

Марказҳои масъулиятшиносии истифодаи захираҳо, пеш аз ҳама, дар базаи шуъбаҳои роҳбарикунанда ва марказҳои масъулияти ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ бо роҳи тобеияти воҳидҳои дахлдори истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба сармутахассисон ташкил карда мешаванд. Масалан, тобеият ба сарагроном, зоотехник, инженер, гидротехник. Ғайр аз ин, марказҳои масъулият барои истифодаи ресурсҳо, ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ ба маблағи хароҷоти вобаста ба истеъмол барои эҳтиёҷоти истеҳсолот ҷавобгар мебошанд.

Вобаста ба ташаккули хароҷот ҷойи пайдоиши онҳо, марказҳои хароҷот ва марказҳои масъулият ҷудо карда мешаванд.

Хулоса ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ воситаи асосии ба амал баровардани назорати ҷорӣ ба фаъолият ва самаранокии истифодаи захираҳо ва ба нақшагирии фаъолияти ташкилот барои оянда мебошад. Илова бар ин, мавҷудияти

низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҷалби сармоягузориро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд, ки ин барои корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи иқтисодӣ мусоидат ва махсусан муҳим аст.

## АДАБИЁТ


1. Аверчев И.В. Управленческий учет и отчетность: постановка и внедрение. М.: Вершина. 2008. 250 с.
2. Мулюков Г.Р. Этапы постановки управленческого учета в сельско хозяйственных организациях / Г.Р. Мулюков, Г.А. Хабиров // Вестник БГАУ. 2011. № 1.
3. *Друри К.* Управленческий и производственный учет. М.: **ЮНИТИ,** 2002
4. *Ивашкевич В.Б.* Управленческий учет: Сборник задач и примеров. М.: Финансы и статистика.
5. *Карпова Т.П.* Управленческий учет: Учебник. М.: ЮНИТИ, 2002.


## АННОТАЦИЯ

## МЕХАНИЗМЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОТРАСЛИ


Статья посвящена механизму управленческого учета в сельскохозяйственных организациях, проблемам, связанным с его внедрением. Актуальность темы обусловлена необходимостью внедрения управленческого учета в организации сельскохозяйственного профиля с целью улучшения текущего управления предприятием и повышения инвестиционной привлекательности.



**Ключевые слова:** управленческий учет, сельское хозяйство, центры ответственности, дуалистическая система управленческого учета.


## ANNOTATION.

## MANAGEMENT ACCOUNTING MECHANISM IN THE AGRICULTURAL SECTOR


This paper is devoted to peculiarities of management accounting in agricultural organizations, the problems associated with its implementation. Relevance of the topic due to the necessity of introduction of management accounting in the organization of agricultural structure in order to improve the current management of the company and increase the investment attractiveness.



***Keywords:*** *management accounting, agriculture, responsibility centers, the dualistic system of management accounting.*



**Сведение об авторах:**

**Мирзоев Сухбатулло Авгонович**, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита ТАУ имени Ш. Шохтемур, проспект Рудаки 146 , тел: 907 50 00 13

**Сангов Асомиддин Шамсиддинович.** ассистент кафедры бухгалтерского учета и аудита ТАУ имени Ш. Шохтемур, проспект Рудаки 146,тел: 915 00 07 55